**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 - и назди Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).**

Диссертатсияи Лайламои Худойназар ба омӯзиши зиндагинома ва фаъолияти эҷодии яке аз шоирони даврони муосири тоҷик Ғаффоралӣ Сафар ва муайян намудани саҳми ӯ дар инкишофи адабиёти замони истиқлоли давлатӣ ихтисос дорад. Метавон гуфт, ки омӯзиши шахсият ва зиндагиномаи Ғаффоралӣ Сафар ва муайян намудани саҳми ӯ дар ташаккул ва инкишофи осори бадеии даврони навини адабиёти тоҷик муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Чунонки маълум мегардад, Ғаффоралӣ Сафар дар тули солҳои гуногун маҷмуаҳои зиёде, аз қабили «Фоидаи таға», «Намаксанг», «Роҳдавак», «Муборакбодӣ», «Чистонҳо», «Панҷаи овоз», «Мутоибаи удабо», «Офтобаки қолинбоф» ва «Кокули зимистон»-ро рӯйи чоп оварда, ба ташаккули адабиёти муосири тоҷик саҳм гузошта, соҳиби шуҳрат ва ҷойгоҳи хосса дар адабиёти навини тоҷик гардидааст.

Аз мухтавои диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант таҳқиқоти арзишманди хешро асосан, дар асоси маҷмуаҳои «Панҷаи овоз», «Мутоибаи удабо», «Офтобаки қолинбоф» ва «Кокули зимистон»-и Ғаффоралӣ Сафар ба сомон расонидааст.

Дар диссертатсияи мазкур дар баробари таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии адиб ба масъалаҳои мубрами адабиёт, махсусан, маҳорати баланди эҷодии адиб дар таълифи осори манзуму мансур барои калонсолону кӯдакон, латифаву мутоиботи ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ бахшидашуда, ҳамчунин, истифодаи санъатҳои бадеъ дар осори адиб таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, масъалаҳои мазкур ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти мукаммал роҷеъ ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар, мавзуоти меҳварӣ ва маҳорати ҳунарии адиби мазкур, ки мабоҳиси аслии таҳқиқро ташкил додаанд, дониста мешавад.

Диссертатсия ва автореферати Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи нашргардидаи муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ инъикос ёфтааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Лайламои Худойназар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфтаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-088 - и назди Донишгоҳи давлатии Данғара тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси интихобнамудаи диссертант мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ;
- **Маликова Анзурат Саъдуллоевна** - номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Ғаффорзода Ш. Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Асозода Ҳ. Р.

Номзади илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Усмониён Н. У.

ШУЪБАИ КАДРҲО

"24" ноябри соли 2025.